**ТАҚРИЗИ**
**мушовири илмӣ ба таҳқиқоти диссертатсионии Шокирзода Шӯҳрат Усмон дар мавзуи “Стратегияи рушди минтақавӣ дар шароити муосир: назария, методология ва амалия”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст**

**Мубрамияти мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ.** Дар шароити рушди иҷтимоӣ-иқтисодии муосир, ки бо ҷаҳонишавии босуръат, таҳдидҳои геоиқтисодӣ, шиддатёбии рақобати бозоргонӣ, тағйирёбии иқлим ва рушди технологияҳои иттилоотӣ тавсиф меёбад, таҳия ва татбиқи стратегияи рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо ба унсури муҳими сиёсати давлатӣ ва вазифаи калидии идоракунии минтақавӣ табдил ёфтааст. Танҳо тавассути банақшагирии стратегии мукаммал ва ҳамоҳангсозӣ метавон ба ҳифзи амнияти иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар сатҳи минтақавӣ ноил гардид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди татбиқи ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, бо як қатор масъалаҳои нобаробарии фазоии рушд дар сатҳи минтақавӣ рӯбарӯ мебошад, ки ҳалли фаврии илмӣ-амалӣ тақозо менамояд. Мушкилоти асосӣ инҳоянд:

- Тафовути калидии байни минтақаҳо аз рӯйи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ. Масалан, ММД ба сари ҳар сари аҳолӣ дар шаҳри Душанбе то 4,5 маротиба аз ВМКБ зиёд аст. Ин ҳолат ба ягонагии фазои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таҳдид мекунад.
- Сатҳи баланди муҳоҷирати меҳнатӣ боиси ихтилоли сохтори нерӯи корӣ ва коҳиши иқтидори инноватсионии минтақаҳо мегардад. Вобастагии зиёда аз 60% хонаводаҳои деҳот ба маблағҳои муҳоҷиратӣ, амният ва устувории иҷтимоиро коҳиш медиҳад.
- Дар ноҳияҳои дурдаст мавҷуд набудани инфрасохтори асосӣ дастрасӣ ба бозорҳо ва сифати зиндагиро маҳдуд мекунад. Аз ҷумла, то 40% деҳаҳо ба шабакаи устувори барқ ва 30% ба оби нӯшокӣ пайваст нестанд, ки ин монеаи асосӣ дар роҳи рушди саноатӣ ва аграрӣ мебошад.
- Вобастагӣ ба як ё ду соҳаи асосӣ хатари иқтисодиётро дар ҳолати тағйирёбии бозорҳои ҷаҳонӣ баланд мебардорад.

Вилояти Суғд, ҳамчун минтақаи саноатӣ, аграрӣ ва транзитии кишвар, бояд муҳаррики рушди иқтисоди миллӣ бошад ва ҳамчун намунаи татбиқи стратегии рушди устувор дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон хидмат намояд. Бо вуҷуди иқтидори бузурги он (захираҳои табиӣ, инсонӣ ва инфрасохторӣ), таҳлили ҳолати амалӣ нишон медиҳад, ки тафовути байни ноҳияҳои саноатӣ ва аграрӣ хеле зиёд аст. Механизмҳои институтсионалии ҳамоҳангсозии сиёсати байнисоҳавӣ ва банақшагирии стратегии ҳудудӣ барои кафолати рушди устувор ва мутавозин номукаммал арзёбӣ мегарданд. Иқтидори маъмурии идоракунии маҳаллӣ дар самти ҷалби сармоягузории мустақим ва

амалисозии лоиҳаҳои бунёдӣ нокифоя буда, ба ислоҳот ва таҷдиди назар ниёз дорад.

Зарурати таҳияи стратегияҳои минтақавии мутавозин ва мутобиқ ба таҳдидҳои муосир (геосиёсӣ, иқтисодӣ, демографӣ) дар сатҳи давлатӣ ба таври возеҳ эҳсос мегардад. Ин мубрамиятро Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар (28 декабри соли 2024) тасдиқ менамояд:"Ҳоло кишвари мо дар марҳалаи нави тараққиёти худ қарор дошта, бо амалӣ намудани стратегияву барномаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардида истодааст. Рушди босуръати минтақаҳо яке аз вазифаҳои муҳимтарини сиёсати давлатиро ташкил медиҳад."

Ин таъкид баёнгари он аст, ки баробари таҳияи стратегияҳои миллӣ, таҳияи моделҳои амалии стратегӣ ва методологияи рушди минтақаҳо, ки ба шароити мушаххаси Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқанд, бояд дар меҳвари сиёсати давлатӣ қарор гиранд.

Аз ин рӯ, тадқиқоти мазкур, ки ба таҳияи модели муосири стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд нигаронида шудааст, дорои мубрамияти баланди илмӣ ва аҳамияти амалӣ мебошад. Айнан бо гуфтаҳои боло муҳимият, саривақтӣ ва арзиши илмии диссертатсияи Шокирзода Ш.У. мегардад.

Шокирзода Шӯҳрат Усмон соли 1999 Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхонаҳо хатм намудааст. Аз соли 2005 фаъолияти кориашро оғоз намуда, тӯли ин солҳо дар вазифаҳои ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Комплекси ягонаи таълимии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, эдвайзери низоми кредитии таҳсилоти Комплекси ягонаи таълимии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, котиби Шурои олимон ва муаллими калони кафедраи менеҷменти Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд», сармутахассиси шуъбаи идоракунии сифати таҳсилоти Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд», мудири шуъбаи мониторинг ва идоракунии сифати таълими Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд», муовини директор оид ба таълими Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» ва дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДИС ДДТТ фаъолият бурда истодааст.

Соли 2012 рисолаи номзадиро аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (назарияи умумии иқтисодӣ) дифоъ намуда, соҳиби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ гардид.

Кори диссертатсионии Шокирзода Шӯҳрат Усмон аз муқаддима, панҷ боб, 17 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** асосноккунии зарурият ва муҳимияти масъалаи мавриди таҳқиқ баён гардида, ҳолати кунунӣ ва сатҳи омӯзиши он мушаххас шудааст. Ҳамзамон, ҳадаф, объекти таҳқиқ, мавзӯи таҳқиқот, заминаҳои методологӣ ва иттилоотии таҳқиқот муайян шуда, аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ, унсурҳои навоварии илмӣ, инчунин муқаррароти асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мегарданд, инъикос ёфтаанд. Илова бар ин, маълумот оид ба тасдиқ ва нашри натиҷаҳои таҳқиқ низ пешниҳод шудааст.

**Дар боби якум – "Ҷанбаҳои назариявии стратегияи рушди минтақавӣ"** банақшагирии стратегӣ дар низоми банақшагирии дарозмуддат ва пешгӯии рушди минтақа, таҳаввулоти равандҳои банақшагирии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, омилҳои консептуалӣ ва шароитҳои таъсиррасон ба ташаккул ва татбиқи стратегияи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақавӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

**Дар боби дуюм – "Асосҳои методологии таҳияи стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа"** принсипҳо ва ҷанбаҳои методологии ташаккули стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, механизми ташаккул ва татбиқи стратегияи рушди минтақавӣ дар мисоли вилояти Суғд, муносибати методологӣ ба ташаккули стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, низоми нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои арзёбии ташаккул ва татбиқи стратегияи рушди минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Дар боби сеюм – "Таҳлили банақшагирии стратегии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа",** вазъи муосири рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа, татбиқи стратегияи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар вилояти Суғд ва таҳлили омилҳои таъмини рушди иқтисодии минтақа дар доираи стратегияи иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар вилояти Суғд баҳогузорӣ карда шудаанд.

**Дар боби чорум – "Заминаҳои татбиқи стратегияи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа"** таҳлили имкониятҳои истеҳсолии соҳаҳои иқтисодиёти минтақавӣ дар таъмини стратегияи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, таъмини шуғли пурраи омилҳои истеҳсолот, таҷдиди соҳаҳои истеҳсолии иқтисодиёти минтақавӣ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода шудааст.

**Дар боби панҷум – "Такмили равандҳои стратегияи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо"** идоракунии стратегии номутаносибии фазоӣ дар рушди иҷтимоӣ- иқтисодии минтақаҳо, ҳамоҳангсозии равандҳои стратегияи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ байни минтақаҳо, танзими давлатии равандҳои банақшагирии стратегӣ дар минтақа мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Диссертатсияи Шокирзода Шӯҳрат Усмон дар мавзуи "Стратегияи рушди минтақавӣ дар шароити муосир: назария, методология ва амалия таҳқиқоти мукаммал ва бааҷомрасида ба ҳисоб рафта, он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ҷавобгӯ мебошад. Автореферати

диссертатсия ва интишороти муаллиф қисмати асосии диссертатсияро фарогир мебошад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Шокирзода Шӯҳрат Усмон ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, № 3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Мушовири илмӣ:**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодии**
**МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”,**
**д.и.и., профессор** **Алиджанов Д.А.**

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
Маҳаллаи 28, х-2Б, ҳ-10
Тел: (+992) 92 845 00 54
E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru

«10» 06 2025с.

Имзои мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ
д.и.и., профессор Алиджанов Д.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
“ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” Сайдуллозода З.С.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39.
Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: rector@hgu.tj

«10» 06 2025с.